тасеня Е.П., Штеменко Ю.С. ва маводҳо оид ба истифодаи барномаҳои компютерӣ дар дарсҳои забони англисӣ аз ҷониби Сидоренко А.Ф., инчунин аз китобҳои дарсӣ ва дастурҳои электронӣ, ки бо истифода аз компютер ва проектори мултимедиявӣ намоиш дода шуда, энсиклопедияҳои электронӣ ва маълумотномаҳо, симуляторҳо ва барномаҳои тестӣ, захираҳои таълимии Интернет истифода бурда шудааст.

**Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо.** Истифодаи технологияи информатсионӣ имкон дод, ки нақша амалӣ ва дарсҳо замонавӣ шаванд. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим ба болоравии салоҳияти касбии донишҷӯ таъсир расонида, беҳтар шудани сифати таълим мусоидат намуд ва боиси ҳалли вазифаи асосии сиёсати таълим, таъмини ҳавасмандии мусбӣ ба таълим, дар сатхи баланди эстетики ва эмотсионалӣ гузарондани машгулиятхо, дарачаи баланди диффенсиатсияи таълимро (қариб фардикунонӣ) таъмин кард ва 1,5-2 баробар зиёд шудани ҳаҷми корҳои иҷрошаванда дар дарс, такмили назорати дониш, ташкили оқилонаи раванди таълим, баланд бардоштани самаранокии дарс, ташаккул додани малакаҳои фаъолияти воқеии тадқиқотӣ, таъмин намудани дастрасӣ ба системаҳои гуногуни маълумотномаҳо, китобхонаҳои электронӣ ва дигар захираҳои иттилоотӣ мусоидат намуд.

**Хулоса**. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба ташаккули ҳавасмандии мусбат мусоидат мекунад. Бартарии истифодаи компютер дар он аст, ки он имкон медиҳад, ки сатҳи касбии омӯзгорон баланд гардад. Технологияҳои нави иттилоотӣ, ки дар соҳаи маориф ҷорӣ мешаванд, барои баланд шудани сатҳи сифатан нави он мусоидат мекунанд. Презентатсия воситаи нави дидактикии ташкили раванди таълим буда, барои тасвир кардани ҳама гуна презентатсияҳо кӯмак мекунад.

**Калимаҳои калидӣ:** интернет, компютер, технологияи иттилоотӣ, презентатсия, метод, илм, технология, дарс.

**ТДУ 378.141**

**Ш.М. Раҳмонов**

# РУШДИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

***МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”***

***Раҳмонов Ш.М.*** *- н.и.п., сардори раёсати таълими МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”, Тел: (+992) 000 10 69 94.*

***Мақсади таҳқиқот***. *Таҳлили вазъӣ таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.*

***Мавод ва усулҳои таҳқиқот***. *Масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот дар тамоми ҷаҳон яке аз масъалаҳои асосӣ дар ҷанбаҳои институтсионалӣ ва масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, аз усул ва методҳои беҳтар намудани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ истифода намуда, зарурати омӯхтани татқиқотҳои мухталиф барои муайян кардани ин нишондиҳандаҳо таҳқиқот ба роҳ монда шудааст.*

***Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо.*** *Сифати таҳсилотро ҳамчун ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои муайяни таҳсилот шумурда, тавассути амалигардонии он бояд ҳуҷҷатҳои зарури барои соҳаи таҳсилот таҳия ва амалӣ гардонида шавад. Барои идоракунии сифати таҳсилот, зарурияти тартиби ҳатмии стандартикунонӣ: иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия*

*ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ, натиҷаҳои арзёбии санҷиши сифати таҳсилот, назорати дохилитаълимгоҳиро бо низоми муайян, амалӣ намудан лозим аст.*

*Таҳқиқотҳои таҷрибаи мавҷудаи ватанӣ ва байналмилалӣ дар рушди таҳсилоти олии касбӣ собит намуд, ки тамоюли афзояндаи масъулияти баланд бардоштани сифати таҳсилот вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилоти олӣ буда, рушди он ба зиммаи худи муассисаи таълимӣ вогузор карда мешавад ва аксар вақтислоҳоти ягонаи ғайрисистемавӣ, реформаҳои инфиродӣ ва инноватсионии бенизом ба самаранокии системаи таҳсилоти олӣ таъсири манфӣ расонида, дар ин асос системаи таҳсилот бо низоми муайян рушд карда наметавонад.*

***Хулоса.*** *Сифати таҳсилот дар рушди он на танҳо соҳаи маориф, балки тамоми соҳаҳои ҷомеъа нақши асосӣ дорад. Аз ин рӯ, барои ҳамами соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмини зиндагии арзандаву босифат, рушди тараққиёти давлат, соҳиб шудани мақоми худ дар ҷомеъа ва умуман барои ташаккули хамаҷонибаи шахсияти худ ва тафаккури аҳли ҷомеъа сатҳи сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар балан бардоштан лозим аст.*

***Калимаҳои калидӣ: у****сулҳои таҳқиқот****, с****ифати таҳсилот менеҷменти сифати таҳсилот, рушди таҳсилот, баҳодиҳии маҷмуъи (аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ).*

***Sh.M. Rahmonov***

## DEVELOPMENT OF EDUCATION IN INSTITUTIONS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION

***«Medical and Social University of Tajikistan»***

***Rahmonov Sharif Madinomovich*** *- candidate of pedagogical sciences, head of the educational department of the Medical and Social Institute of Tajikistan, Tel: (+992) 000 106994*

***Purpose of the study****. Analysis of the situation of education in institutions of higher professional education.*

***Materials and research methods****. The issue of improving the quality of education throughout the world remains one of the main issues in institutional aspects and social and political issues. Therefore, using the methods and methods of improving the quality of education in the institutions of higher professional education of the republic, the need to study various surveys to determine these indicators has been conducted.*

***Research results and their review****. Considering the quality of education as meeting the requirements of certain standards of education, through its implementation, necessary documents for the field of education should be developed and implemented. In order to manage the quality of education, it is necessary to implement mandatory standardization procedures: licensing, attestation and accreditation of educational institutions, evaluation results of the quality of education test, internal control of educational institutions with a certain system.*

*Studies of the existing domestic and international experience in the development of higher professional education have proven that the increasing responsibility for improving the quality of education is the main task of higher education institutions, and its development is entrusted to the educational institution itself, and often only non-systemic reforms, individual and innovative reforms disorganized has a negative effect on the efficiency of the higher education system, and on this basis, the education system cannot develop with a certain system.*

***Conclusion****. The quality of education plays a key role in the development of not only the field of education, but also all areas of society. Therefore, it is necessary to raise the quality of education in higher education institutions of the country for all spheres of public life, to ensure a decent and*

*high-quality life, to develop the state, to gain one's position in the society, and in general, to develop the comprehensiveness of one's personality and the thinking of the people of the society.*

***Key words:*** *research methods, quality of education, quality management of education, development of education, comprehensive assessment (attestation, accreditation and licensing).*

**Муҳиммият.** Масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот дар тамоми ҷаҳон яке аз масъалаҳои асосӣ дар ҷанбаҳои институтсионалӣ ва масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ боқӣ мондааст. Низоми муосир ба идоракунии сифати таҳсилот, зарурияти тартиби ҳатмии стандартикунонӣ: иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ, натиҷаҳои арзёбии санҷиши сифати таҳсилот, назорати дохилитаълимгоҳӣ, инчунин, кӯшиши ба қайд гирифтани баҳисобгирӣ ва чен кардани параметрҳои гуманитарии низоми (равандҳо ва таъсири) таҳсилот вобаста буда, такмил ва омӯзиши барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои ҷомеъа ва ташаккули шахсияти комил, ҳамзамон, барои омода намудани мутахассисоне, ки ба талаботи марҳалаи имрӯзаи рушди ихтимоию иқтисодии кишвар ҷавобгӯ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ таҳқиқотҳои таҷрибаи мавҷудаи ватанӣ дар рушди таҳсилоти олии касбӣ, ки тамоюли афзояндаи масъулияти баланд бардоштани сифати таҳсилот дорад, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Аз омӯзиши ҳадафу вазифаҳои ба захираи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандони он табдил додани низоми маориф, самтҳои асосии зерини Стратегияи миллӣ рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда ба монанди навсозии мазмуни таҳсил; - тағйироти сохтории соҳаи маориф; - таъмини дастрасии таҳсилоти босифат ва ба сатҳи байналмиллалӣ мувофиқ гардонидани сатҳи таҳсилот иборат мебошад.

**Натиҷаи таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо.** Дар даҳсолаи охири асри XX, ҳангоми ташкил ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар хориҷа, хусусан дар муассисаҳои таҳсилоти олии Авруппо муаррифии фалсафаи идоракунии умумии сифати таҳсилот (Total Quality Manaqement-TQM- менеҷменти умумии сифати таҳсилот) ва стандартҳои байналмилалии сифат, раванди таълимро аз нуқтаи назари TQM (менеҷменти умумии сифати таҳсилот), ҷиҳати такмили ва омӯзиши барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои ҷомеъа ва ташаккули шахсияти комил, ҳамзамон, барои омода намудани мутахассисоне, ки ба талаботи марҳалаи имрӯзаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҷавобгӯро тоқазо менамояд, алоқаманд мебошад.

Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки аз нуқтаи назари назарияи иқтисодӣ барои беҳтар намудани сифати таҳсилот равандҳои консептуалии зерин таҳия шудаанд: анъанавӣ ва муосир.

Усули анъанавӣ сифати таҳсилотро ҳамчун ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои муайяни таҳсилот шумурда, тавассути амалигардонии он, бояд ҳуҷҷатҳои зерин таҳия ва ё аз нав такмил дода шаванд:

а) санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда: қонунҳои соҳавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдароварандаи соҳаи маориф (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсат ва шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо) барои зинаи поёнии идоракунии система;

б) системаи стандартҳои давлатии зинаҳои таҳсилот;

в) тартиби иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ ва ё баҳодиҳии маҷмуъии муассисаҳои таълимӣ;

г) ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорӣ, ки ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат бошад, бояд ин талабот ба намудҳои

алоҳидаи таҳсилот, ки талаботи стандарти давлатиро оид ба тайёр намудани мутахассисони зинаҳои гунгуни таҳсилот рушд медиҳанд, талаб менамояд;

д) низоми нави технологияи назорати дохилитаълимгоҳӣ (дар сатҳи муассисаи таълимӣ) оид ба низоми идоракунии фаъолияти таълимӣ ва муносибатҳои субектҳои раванди таҳсилот.

Низоми муосир барои идоракунии сифати таҳсилот, зарурияти тартиби ҳатмии стандартикунонӣ (иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия, аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ, натиҷаҳои арзёбии санҷиши сифати таҳсилот, назорати дохилитаълимгоҳӣ ва ғайра), инчунин, кӯшиши ба қайд гирифтани баҳисобгирӣ ва чен кардани параметрҳои гуманитарии низоми (равандҳо ва таъсир) таҳсилотро низ дарбар мегирад [6].

Аз ин ҷиҳат, сифати таҳсилот бояд аз рӯи хусусиятҳои зерин муайян карда шавад:

– дараҷаи мувофиқати мақсад ва натиҷаи таҳсилот дар сатҳи системаи мушаххаси таҳсилот (дар сатҳи муассисаи таълимӣ);

– мувофиқат байни параметрҳои гуногун дар арзёбии натиҷаи таҳсили донишҷӯён сатҳ ва сифати дараҷаи донишандӯзии дониш, дараҷаи ташаккули малака, маҳорат, солоҳиятнокии онҳо;

– дараҷаи мувофиқати стаҳи дониш, малакаю маҳорат ва салоҳиятҳои назариявӣ ва татбиқи истифодаи амалии онҳо дар раванди истеҳсолоти кишвар, инчунин рушди иқтисодиёт ва фаъолияти касбӣ мутахассисони омодагардида.

Бо дарназардошти ҳадафу вазифаҳои ба захираи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон, табдил додани низоми маориф, бояд самтҳои асосии зерини Стратегияи миллӣ таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ки онҳор ҳарчӣ зудтар амалӣ бояд намуд: - навсозии мазмуни таҳсил; - тағйироти сохтории соҳаи маориф; - таъмини дастрасии таҳсилоти босифат ба сатҳи байналмиллалӣ мувофиқ гардонидани сатҳи таҳсилот ва дар ин асос, барои ба сатҳи байналмилалии таҳсилот мувофиқ намудани низоми таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар замина гузошта мешавад [4].

Ин суханҳо бори дигар аз ҷониби Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” рӯзи 21 декабри соли 2021 низ таъкид карда шуданд.

Дар охири солҳои 90-уми асри гузашта олимон дар тадқиқотҳои илмӣ қайд карда буданд, ки беҳтар кардани сифати таҳсилоти олии касбӣ дар асри ХХ1 нақши бузург хоҳад дошт, зеро ин давра воридоти технологияи наву замонавиро дар системаи маориф ба миён меорад [5].

Ин нуқта назар низ дар ҳисоботи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд дар самти маориф дар соли 2010 низ қайд карда шудааст: Технологияи информатсионӣ ва Интернет қувваи асосиест, барои таҳқиқотҳои илмӣ, навгониҳо, рушди иқтисодиёт ва навгониҳои иҷтимоӣ. Таҳлили бухрони иқтисодӣ ва роҳҳои пешгирӣ ва баромадан аз он таъкид карда шудааст, ки технологияҳои иттилоотӣ ва Интернет омилҳои асосии таҳқиқот, навоварӣ, рушди иқтисодӣ ва тағироти иҷтимоӣ мебошанд.

Инчунин, дар «Нишондиҳандаҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд дар самти маориф «Нигоҳе ба таҳсилот» (дар соли 2010) оид ба таъмни сифати таҳсилот таъкид карда шудааст, ки вазъи системаҳои таҳсилоти миллӣ бо системаҳои дигар кишварҳо бадастомада бояд муқоиса карда шавад [7].

Ин равнд, як қатор нишондиҳандаҳои муқоисашаванда ва дахлдори актуалии таҳсилотро дар бар мегирад ва мувофиқ бо талаботи касбиро оид ба муқоиса кардани вазъи кунунии таҳсилот дар сатҳи байналмилалӣ инъикос менамояд.

Барои оқибатҳои эҳтимолии беҳтар кардани сифати таҳсилоти олии касбӣ чунин пешниҳод менамоем:

–сафарбаркунии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён барои табодули дараҷаи касбӣ ва баланд бардоштани маҳорату малакаи донишазхудкунӣ ба дигар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар;

–хусусияти формалии шакл сохт, рушти таҳсилот, рушд ва таъсиси намудҳои нави муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (давлатӣ ва ғайридавлатӣ);

–ташкил ва рушди таҳсилоти фосилавии раванди таълим, мувофиқ намудани барномаҳои таълимии фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи талаботи стандарти ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ.

Умуман, сифат як ҷузъи таркибии сатҳи таҳсилот ва ҷузъи ҷудонашавандаи таҳқиқоти олимони соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Решаҳои таърихии ташаккули моделҳои арзёбии баҳодиҳии сифати барномаҳои таълимӣ дар асри XVII пайдо шудаанд. Дар ин давра чун қоида, ду модели баҳодиҳии сифатии он муайян карда шудааст, ки аз якдигар тафовут доранд:

Консепсияи нав асосан дар кишварҳои Аврупо татбиқ карда шуд ва дар силсилаи муносибатҳои «давлат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» аз модели анъанавии идоракунии мутамаркази давлатӣ ба модели муносибати иқтисоди бозорӣ тағйир ёфт. Чунин тағиротҳо дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан баъд аз солҳои 1996 оғоз ёфт, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мустақилияти худидоракунӣ дода шуда, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯёнро ба тариқи шартномавӣ қабул намуда, соҳибкасб менамуданд. Инчунин филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар дар ҷумҳурӣ ва муассисаҳои ғайридавлатӣ таъсис дода шуда, ба тариқи шатномавии таҳсил мутахассисонро омода менамуданд.

Ҳамин тавр, системаи мутамаркази ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо системаи хусусии идоракунии он аз рӯи талабот ва хусусиятҳои зерин иваз карда шуданд:

– иштироки таҳлилгарони беруна дар сатҳи марказии қабули қарорҳои институтсионалӣ;

– диққати бештар додан, барои амалигардонӣ ва татбиқи стратегияҳои институтсионалӣ;

– таваҷҷӯҳи бештар ба усулҳои нави идоракунии сифати таҳсилот. дар ҷаҳони муосир (корпоративӣ) таҳия карда шудаанд [4].

Имрӯз масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот дар тамоми ҷаҳон яке аз масъалаҳои асосӣ дар ҷанбаҳои институтсионалӣ ва масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, зарурати омӯхтани таҳқиқотҳои мухталиф барои муайян кардани ин нишондиҳандаҳо бояд ба роҳ монда шавад.

Таҷрибаи чандсолаи собит намуд, ки, таъмин тартиб ва муайян намудани сифати таҳсилот дар шакли ташхиси аккредитатсионӣ аз рӯйи шаклҳои асосии системаи таъмини сифат дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шакли зерин амалӣ гардонида мешавад:

Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ барои рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ, тайёр намудани мутахассисони дорои маҳорат, малака ва дорои салоҳиятҳои касбӣ ва гузаронидани аккредидатсияи давлатӣ ва гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ аҳамияти бузург дорад [2].

Дар ҳамин самт, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи баланд бардоштани сифати таълим ва тайёр кардани кадрҳои дорои сатҳи баланди касбиро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон дониста, чунин таъкид менамояд: ”Ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои пешқадаму муосири таълим, мустаҳкам намудан ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиву илмӣ, васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нави ба талаботи иқтисоди миллӣ ҷавобгӯ ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии кишварамон бояд қарор дошта бошад” [5].

Таҳқиқотҳои таҷрибаи байналмилалӣ дар рушди таҳсилоти олӣ собит менамояд, ки тамоюли афзояндаи масъулияти баланд бардоштани сифати таҳсилот вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилоти олӣ буда, рушди он

ба зиммаи худи муассисаи таълимӣ вогузор карда мешавад.

Хусусияти мусбати ин раванд аз он иборат аст, ки масъулияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати худбаҳодиҳӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ташкили раванди таълим баланд арзёбӣ карда шавад.

Бояд қайд кард, ки ҷанбаи фаъолияти муҳими худбаҳодиҳии муассисаи таълимӣ иборат аст, аз:

1) ҳаҷми максималии азхудкунии барномаи таҳсилоти олӣ, шафофияти тақсимоти маблағгузории сектори хусусӣ ва давлатӣ;

2) донишҷӯён ба барномаҳои баландсифати таълимӣ ниёз доштан;

3) ҷиҳати сари вақт додани маълумот ба ҷомеъӣ шаҳрвандӣ ва корфармоён, аз амалигардонии сифати баланди барномаҳои таълимӣ дар муасисиаҳои таълимӣ [1].

Сифати таҳсилот аз ҷониби М.Субетто ба маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ дода шудааст. Сифати таҳсилот ба маънои васеъаш ин: «Мувофиқати мутавозуни таҳсилот, натиҷа раванд ва низом» ба талаботҳои гуногун, ҳадафҳо, табабот меъёрҳо стандартҳо буда, маҷмуъи системавии хусусиятҳои муҳиму муташаккилонаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ доштаи таҳсилот (ҳамчун натиҷа раванд ва низом) мебошад. Ба маънои маҳдуд бошад «сифати таҳсилот» ин маҷмуъи дониш ва салоҳиятнокии хатмкунандагон мебошад [8].

Инчунин, сифати таҳсилот ба ақидаи мо, ки дар натиҷаи таҳқиқотҳо маълум карда шуд, ин натиҷаи донишҳои табиии, маҷмуъи донишҳои таҳсилотӣ (дар муассисаи таҳсилоти азбар карда шуда, назариявӣ ва амалӣ), қобилият, маҳорат ва салоҳиятҳои азбарнамудаи хатмкунандагон барои касби азбарнамуда мебошад.

Яъне бо форума инъикос намоем:

ДТ+МДТ(н, а)+ҚМ+СК=СТ

Таълими босифат ва ё сифати хуби таҳсилот рушди ҳамаҷонибаи қобилияи касбии инсонро рушд намуда, барои ташакуули шахсияти комил омили асосӣ маҳсуб меёбад.

Аз нигоҳи профессор Назаров Р. Бошад: Сифати таҳсилот ин маҷмуъи хусусиятҳои раванди таҳсилот, муайянкунандаи натиҷа ва амалан ташаккули фаъолу ҳамаҷонибаи тафаккури мутахассис ба шумор меравад [9].

Панҷ вазифаҳои асосиро пешниҳод менамоем, ки дар назди системаи миллии таъмини сифати таҳсилот меистад, ки онро бояд амалӣ намуд:

1) таҳияи стратегияи таъмини сифат, бо мақсади амалӣ намудан таҳкими ҳадафҳои бо мақсаднок ба такмил равонашуда;

2) зарурияти ба мувофиқа расидан ва эътимод миёни тарафҳои манфиатдоре, ки ба сифати таҳсилоти олӣ талабгоранд. (корфармоён);

3) зарурияти баланд бардоштани самаранокии иқтисодии системаи кафолати сифат;

4) зарурияти рафъи оқибатҳои бенизом рушдёбандаи кафолати сифат дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

5) ҳадди ақал субектҳои равандҳои таъмини сифат ба низоми таҳсилоти олӣ таъсир мусбат расонида тавонанд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи мавҷудаи ватанӣ ва байналмилалӣ собит менамояд, ки аксар вақт ислоҳоти ягонаи ғаирисистемавӣ, реформаҳои инфиродӣ ва инноватсионии бенизом ба самаранокии системаи таҳсилоти олӣ таъсири манфӣ расонида, дар ин асос системаи таҳсилот бо низоми муайян рушд карда наметавонад.

Танҳо хусусияти мураккаб, системанокии ислоҳот, бо дарназардошти таҷрибаи мавҷудаи байналмилалӣ, мувофиқ намудани стандартҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ба стандартҳои байналмилалӣ метавонад ба дастовардҳои назаррас дар соҳаи баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ва фазои байналмилалии таҳсилоти олии асри XX1 оварда расонад.

**Хулоса.** Сифати таҳсилот дар рушди он, на танҳо соҳаи маориф, балки тамоми соҳаҳои ҷомеъа нақши асосӣ дорад. Аз ин рӯ, барои ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмини зиндагии арзандаву босифат, рушди тараққиёти давлат, соҳиб шудани мақоми худ дар ҷомеъа ва умуман барои ташаккули хамаҷонибаи шахсияти худ ва тафаккури аҳли ҷомеъа сатҳи сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар баланд бардоштан лозим аст.

## АДАБИЁТ

1. Гичиев Н.С., Атаханов Р.А. Опыт американского высшего образования для российских универститетов (ВАК ВЕСТНИК Дагестанского государственного технического универститета.–Махачкала, ДГТУ, №4. 2012.

2. Научное образование. Педагогические науки (Электронный научный журнал).

3. Суханронии Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ аз 01.09.2014.

4. Стратегияи рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 2020, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2020, №334).

5. Суханронии Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ аз 17.08.2020.

6. Дар бораи "Тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.03.2003, №54).

7. Нишондиҳандаҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд дар самти маориф «Нигоҳе ба таҳсилот», соли 2010.

8. Новое качество высшего образование в Росии (труды Исследовательского центра под науч редактора А.Селезневой А.И Суббетто.

9. Назаров Р.Философия качество образования Таджикистана, Душанбе "Дониш"-2011.

## REFERENCES

1. Gichiev N.S., Atakhanov R.A. American higher education experiment for Russian universities (VAK VESTNIK Dagestan State Technical University. - Makhachkala, DGTU, No. 4. 2012.

2. Scientific education. Pedagogical Sciences (Electronic Scientific Journal).

3. Speech of the Founder of Peace and National Unity - the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahman, on the Day of Knowledge and Lessons of Peace on September 1, 2014.

4. Strategy for the development of the education sector of the Republic of Tajikistan until 2020 (Decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2020, No. 334).

5. Speech of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahman, on the Day of Knowledge and Lessons of Peace from 17.08.2020.

6. On the "Procedure of certification, accreditation and licensing of educational institutions of the Republic of Tajikistan" (Decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated 05.03.2003, No. 54).

7. Indicators of the Organization for Economic Cooperation and Development in the field of education "Looking at education", 2010.

8. New quality of higher education in Russia (work of the Research Center under the new editor A. Seleznevoy A. I. Subbetto.

9. Nazarov R. Philosophy of the quality of Tajik education, Dushanbe "Knowledge"-2011.


## ВЫВОДЫ

**Ш.М. Рахмонов**

## РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАНИЯ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ


**Цель исследования**. Анализ ситуации с образованием в учреждениях высшего профессионального образования.

**Материалы и методы исследования**. Вопрос повышения качества образования во всем мире остается одним из главных в институциональном аспекте и социально-политических вопросах. Поэтому с использованием методов и способов повышения качества образования в учреждениях высшего профессионального образования республики проведено изучение необходимости проведения различных обследований для определения этих показателей.

**Результаты исследования и их обсуждение**. Рассматривая качество образования как соответствующее требованиям определенных стандартов образования, посредством его реализации должны разрабатываться и внедряться

необходимые документы в сфере образования. Для управления качеством образования необходимо внедрение обязательных процедур стандартизации: лицензирование, аттестация и аккредитация образовательных учреждений, оценка результатов испытаний качества образования, внутренний контроль образовательных учреждений с определенной системой.

Исследования существующего отечественного и зарубежного опыта развития высшего профессионального образования доказали, что возрастающая ответственность за повышение качества образования является основной задачей высших учебных заведений, а ее развитие возлагается на само образовательное учреждение, а зачастую только на него, несистемные реформы, неорганизованность индивидуальных и инновационных реформ отрицательно сказывается на эффективности системы высшего образования, и на этой основе система образования не может развиваться по определенной системе.

**Заключение**. Качество образования играет ключевую роль в развитии не только сферы образования, но и всех сфер жизни общества. Поэтому необходимо повышать качество образования в высших учебных заведениях страны для всех сфер общественной жизни, для обеспечения достойной и качественной жизни, для развития государства, завоевания своего положения в обществе, в целом, развивать всесторонность личности и мышления людей общества.

**Ключевые слова:** методы исследования, качество образования, управление качеством образования, развитие образования, комплексная оценка (аттестация, аккредитация и лицензирование).

**ТДУ 84-7**

**Г.И. Ризоева**

# МУҚОИСАИ ФЕЪЛҲОИ МОНДА ВА ГУЗАРАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

***МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”***

***Ризоева Гулнора Икромовна -*** *н.и.ф., омӯзгори кафедраи забонҳои МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”. Тел: (+992) 918 78 64 55*

***Мақсади таҳқиқот.*** *Мақсади таҳқиқот дар мақолаи мазкур аз баёни умумият ва муҳиммияти феълҳои монда ва гузарандаи забони тоҷикиву англисӣ иборат мебошад.*

***Мавод ва усулҳои таҳқикот.*** *Нақши муқоиса дар андӯхтани дониш ниҳоят бузург аст ва ҳар қадар объект мураккабтар бошад, ҳамон қадар роли муқоиса чун методи таҳқиқотӣ меафзояд. Ба ҳамин маънӣ, илми наҳв аз мураккабтарин ва пурбаҳстарин бахши забоншиносӣ дар тамоми забонҳои олам ба шумор меояд, ки аз худ кардани он бидуни муқоиса бисёр мушкил аст. Аз ин рӯ, таҳқиқи феълҳои монда ва гузарандаи забонҳои точикӣ ва англисӣ бо роҳи муқоиса аз мақбултарин василаи шинохти ин масъала дониста мешавад. Дар мақолаи мазкур аз методи муқоиса васеъ истифода бурда шудааст. Чунки ҳангоми забономӯзи мо грамматикаи забони тоҷикиро бо забони англисӣ вақте ки муқоиса менамоем ба шунаванда ё омӯзандагони дилхоҳ забон фаҳмотар мешавад. Ин аст, ки методи муқоисавии омӯхтани забонҳо, яке аз методҳои асосии таҳлили илмӣ ба ҳисоб меравад.*

***Натиҷаи таҳқиқот ва баррасии онҳо.*** *Забон дар байни дигар ҳодисаҳои ҷамъиятӣ мавқеи махсусеро ишғол карда, ба гурӯҳи ҳодисаҳои мураккабтарин ва серасрортарини*